СУРАТМАҶЛИСИ № 20/1
Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-090

15-уми октябри соли 2026 ш. Хуҷанд

Иштирок доштанд: аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31-уми январи соли 2025, №45/шд тасдиқ гардида, 8 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафар докторони илм ва 3 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Дар бораи ташкили комиссияи экспертӣ:

Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Муҳаммадиев И.С., дар бораи пешниҳоди диссертатсияи Ҳабибзода Сиёвуш Изатулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фаъолияти Бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) иброз намуд.

Пешниҳод намуд, ки барои баррасии диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мирализода И.Қ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шокиров Ғ.А. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳимзода Р.Р. ташкил карда шавад.

Қарор қабул карда шуд:

1. Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Ҳабибзода Сиёвуш Изатулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фаъолияти Бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) барои экспертиза қабул карда шавад.

2. Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:

- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мирализода И.Қ.;
- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шокиров Ғ.А.;
- номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳимзода Р.Р.

Қарор якдилона бо овоздиҳии ошкоро қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Муҳаммадиев И.С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодирзода М.А.